# ХУЛОСАИ
## ШӮРОИ ДИССЕРТАТСИОНИИ 6D.КОА-004 ДАР НАЗДИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАРЁФТИ ДАРАҶАИ Доктори фалсафа PhD

Парвандаи аттестатсионии № ___

Хулосаи шӯрои диссертатсионӣ аз 30.01.2021с, суратҷаласаи №

Барои сазовор донистани Дилшод Шарифӣ ба дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D 051300 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ.

Диссертатсия дар мавзӯи «Нақши Созмонҳои Иқтисодии Байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон)» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D 051300 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ:, аз 12 сентябри соли 2020, суратмаҷлиси №61 аз тарафи Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-004 дар назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон *(734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)*, ки бо фармони КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 01.05.2019, №96 таъсис ёфтааст, барои ҳимоя қабул шуд.

Дилшод Шарифӣ баъд аз хатми мактаби таҳсилоти умумӣ соли 2003 ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ихтисоси муносибатҳои байналхалқӣ дохил шуда, пас аз анҷоми курси 3 барои давом додани таҳсил ба донишгоҳи Френсис Мериони ИМА дохил шуда, соли 2010 донишгоҳи мазкурро бо ихтисоси бакалаври Муносибатҳои байналмилаллӣ хатм намудааст. Соли 2012 ба бахши магистратураи донишгоҳи мазкур дар самти идоракунии бизнес ва иқтисодиёт дохил шуд. Аз соли 2014 то соли 2015 дар зинаи магистратураи кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии факултети молиявию иқтисодии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳсил кардааст.

Аз соли 2015 то соли 2018 докторанти зинаи PhD аз рӯйи ихтисоси 6Д051300 - иқтисодиёти ҷаҳонии кафедраи муносибатҳои иқтисодии байналхалқии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон буд.

Дар баробари ин аз соли 2014 то соли 2019 дар кафедраи Муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ба ҳайси устод аз фанҳои иқтисодиёти ҷаҳон, муносибатҳои иқтисодии байналмилмилалӣ, савдои хориҷӣ, созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ бо забони англисӣ дарс медод.

Аз соли 2010 то соли 2012 Роҳбарии Барномаи ҷавонон ва калонсолони Академияи байналмилалии тенниси Седлбрури Иёлоти Мутаҳидаи Америко фаъолият менамуд.

Соли 2013 ҳамчун Мураббии қаторӣ, Роҳбари Клуби Варзишӣ-фароғатии «Силвер Спринг» дар шаҳри Ричфилди Иёлоти Мутаҳидаи Амрико таъин шуд.

Аз соли 2018 Сардори Раёсати ҳамкориҳои иқтисодии хориҷии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Дилшод Шарифӣ донандаи аълои забонҳои русӣ, англисӣ ва фаронсавӣ мебошад.

Муқарризони расмӣ:

Раҳматзода Рустам - доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

Раҳимов Пайрав - номзад илмҳои иқтисодӣ, аз рӯйи ихтисоси 08.00. 14 – Иқтисодиёти ҷаҳонӣ, Декани факултети иқтисодии Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

Ба ҳайси муассисаи тақриздиҳанда Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат муайян карда шудааст.

Муассисаи тақриздиҳанда - Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби Ректори Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат, дотсент Асрорзода У.С. аз санаи 12.01.2021с. тасдиқ шудааст, қайд кардааст, ки диссертатсияи Дилшод Шарифӣ дар мавзӯи «Нақши Созмонҳои Иқтисодии Байналмилалӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ (дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (***PhD)*** –иқтисодиёти ҷаҳонӣ аз рӯйи навгониҳои таҳқиқот тибқи шиносномаи номгӯи ихтисосҳои КОА дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи самти ихтисоси 6D 051300 - Иқтисодиёти ҷаҳонӣ иҷро гардида, кори диссертатсионии анҷомёфта буда, аз рӯйи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгӯи талаботҳои "Низомнома оид ба тартиби додани дараҷаҳои илмӣ" мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри 2016 сол, таҳти №505 тасдиқ шудааст.

Вобаста ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ аз ҷониби муаллиф беш аз 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расонида шудаанд.

РӮЙХАТИ КОРҲОИ НАШРШУДАИ МУАЛЛИФ АЗ РӮЙИ МАВЗӮИ ДИССЕРТАТСИЯ:

а) мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшаванда, ки аз ҷониби КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия шудаанд:

[1-М]. Шарифи Дилшод. Развитие мировой экономики посредством открытия рынков и вклада международных институтов / Шарифи

Дилшод // Вестник таджикского национального университета. Серия социально – экономических наук и общественных наук. – 2017. - №2/10
[2-М]. Шарифи Дилшод. Баъзе ҷанбаҳои назариявии таъмини амнияти иқтисодӣ / Шарифӣ Дилшод // Тоҷикистон ва ҷаҳони имрӯз, маҷаллаи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. - №3 (53) (дар ҳаммуалифӣ бо Ш. Аброров)
[3-М]. Шарифи Дилшод. Роль международных организаций в глобальном экономическом управлении / Шарифи Дилшод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Қисми иқтисод, 2017 №2/7
[4-М]. Шарифи Дилшод. Роль транснациональных корпораций в развитии мировой экономики / Шарифи Дилшод // Вестник таджикского национального университета. Серия социально – экономических наук и общественных наук. – 2018. - №1
[5-М]. Шарифӣ Дилшод. Самтҳои имконпазири рушди ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ / Шарифӣ Дилшод // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Қисми иқтисод, 2019, №3, қисми 2. (дар ҳаммуалифӣ)
[6-М]. Шарифӣ Дилшод. Марҳилаҳои ташаккули созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ва рушди онҳо //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Қисми иқтисод, 2019, №4, қисми 1

Ба унвонии автореферати диссертатсия тақризҳо аз шахсони зерин ворид гардидаанд:

1. Ҳомидзода Ғ – Н.и.и., дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон ва муносибатҳои байналмилалии ДДТТ бо эроди зерин 1) Барои беҳтар гардидани сифати автореферат зарур аст, ки расми 1 дар саҳ. 9 ва расми 2 дар саҳ. 12 ба таври мукаммал шаҳр дода шаванд.

2. Тошматова М.Д. – Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон бо эродҳои зерин 1) Мувофиқи мақсад мебуд агар муаллиф нисбат ба ташкили созмонҳои байналмилалии иқтисодӣ дар рушди иқтисодиёти миллӣ таҳлили муқоисавӣ мегузаронд.

3. Исмоилов М.М. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи назарияи иқтисодӣ бо эродҳои зерин: 1. Хуб мебуд агар муаллиф асосҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалиро мавриди таҳқиқи васеъ қарор медод.

Шӯрои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки дар асоси таҳқиқоти илмии аз ҷониби унвонҷӯ ба анҷом расонидашуда:

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми шомил шудан ба ин ё он сохторҳои байналмилалии макроиқтисодӣ бояд ба таври лозим мавқеи

худро оид ба масъалаҳои марбут ба арзёбии ин сохторҳо ва муайян кардани самт ва хусусияти дигаргунсозии минбаъдаи онҳо баён карда тавонад ва барои эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ, баланд бардоштани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, барои баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат, ки ба афзоиши рушди иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии кишвар таъсири мусбӣ мерасонад, заминаҳои асосиро муҳайё месозад. Механизмҳои институтсионалие, ки барои ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ ва барои мукаммалгардонии муносибат бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар рисола андешида шуданд, имкон медиҳанд, ки фаъолияти сармоягузорони хориҷӣ зиёд карда шуда, барои бартараф намудани тамоюлҳои зараровар дар раванди ҷалб ва амалинамоии сармоягузорӣ дар тӯли солҳои ислоҳоти иқтисодӣ таккони ҷиддӣ бахшанд.

Пешниҳод карда шуд, ки мушкилотҳои монеакунанда ба рушди муносибаҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ бо сабаби набудани салоҳияти институтсионалӣ ва идоракунӣ, ки барои эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ заруранд, алоқаманд аст бо роҳи таҳкими чорабиниҳои беҳтарнамоии механизмҳои институтсионалӣ дар чаҳорчӯбаи ҳамкории шабакавӣ, ки ба ҳамгироии талошҳои ҳукумат ва мубодилаи таҷрибаи институтсионалӣ равона карда шудааст, ҳал карда мешавад. Ҳамоҳангсозии ин ҳамкорӣ метавонад самараноктар дар сатҳи минтақавӣ амалӣ карда шавад.

Исбот карда шуд, ки самтҳои асосии фаъолияти СИБ дар замони имрӯза ба васеътар намудани парадигмаи миллӣ ё бо ибораи сиёсатшиносии имрӯз ғайримилликунонӣ оварда расонид ва ин далел рӯшан аст, ки истифода аз принсипи ҳамкории байналмилалӣ баъзан бараҳна шудан ё халалдор гардидани қарорҳои миллии дар асоси нишонаҳои фаромиллӣ қабулгардида мерасонад. Бо вуҷуди ин, сиёсӣ кардани ин қарорҳо бори дигар зарурат ва қонунӣ будани онҳоро зери суол мегузорад. Аз натиҷаи таҳлилҳо муайян гардид, ки созмонҳои байналмилалӣ кушиш менамоянд байни фаъолияти худ ва низоми арзишҳои иҷтимоӣ, ки худ ба он тааллуқ доранд, робитаи мустаҳкам барқарор намоянд ва ин робитаҳо қонунӣ будани онҳоро нишон медиҳад, вале қонунӣ будан аз омилҳои ноил шудан ба ҳадафҳои мушаххас вобаста аст.

Ҷорӣ намудани таҷдиди асосҳои мукаммалгардонии алгоритми оғози муносибатҳои кишвар бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ аз нигоҳи манфиатҳои иктисоди миллӣ боиси ҳалли муаммоҳои зерини ҳалталаб дар бахши муносибатҳо беруна мегарданд: аз

назаргузаронидани имкониятҳои истифодабарии захираҳои беруна бо мақсади васеъ намудани иштирок дар майдони иқтисодиёти ҷаҳон, максимизатсияи манфиат, муайян намудани имконоти иштироки кишвар дар бозиҳои манфиатдор, муайян намудани стандартҳо, қоидаҳои сохтори ҷаҳонии муносибатҳои пешомада, трансформатсияи модулҳои амалкунанда ба иктисодиёти глобалӣ барои таъмини ҳамгироии алоқаҳои беруна, пайвастшавӣ ба сохтори алоқаҳои ҷаҳонӣ тавассути истифодаи шаклҳои оддии муносибатҳои иқтисодии беруна: бастани шартнома ва аутсорсинг, инчунин ба назар нагирифтани тағйироти иқтисодию иҷтимоие, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити кунунӣ ба миён омаданд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ ба он асоснок карда шуданд, ки:

исбот гардид, ки дар доираи таҳлили асосҳои назариявӣ ва институтсионалии ташаккулёбӣ ва рушди созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, моҳияти иқтисодии онҳо, аз як ҷониб, ҳамчун муассисаи гуногунҷанбаи муносибатҳои байнидавлатӣ бо ҳадафҳои мушаххаси мувофиқагардида, салоҳият ва мақомоти доимии худ, аз ҷониби дигар, чун шакли муташаккили ҳамкории иқтисодӣ ва сиёсӣ байни кишварҳо муайян шудааст. Инчунин исбот гардидааст, ки сиёсати аксарияти созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ вобаста ба шароитҳои иқтисоди дохилӣ дар кишвари қарзгиранда фарқ мекунад. Кишварҳое, ки дар онҳо ИМА ва гурӯҳи давлатҳои G7 дорои манфиатҳои назарраси иқтисодӣ мебошанд, бояд шароитҳои соддатари қарзию грантиро гиранд. Ҳамчунин он давлатҳое, ки шаҳрвандони онҳо бештар дар сохторҳои ин созмонҳо кор мекунанд, имкониятҳои васеъро доро мебошанд.

Вобаста ба масъалагузории дар диссертатсия ҷойдошта самаранокии бо назардошти рушди соҳаҳо ҳамкориҳои мустақимро бо созмонҳои иқтисодии байналхалқӣ ва дигар сармоягузорон васеъ ба роҳ монда, ҷиҳати татбиқи саривақтиву босифати лоиҳаҳои афзалиятноке, ки бо ҷалби маблағҳои созмонҳои байналмилалӣ амалӣ мегарданд, бо мақсади суръат бахшидани диверсификатсияи иқтисодиёт ва боз ҳам беҳтар гардонидани фазои сармоягузории мамлакат, таъмини ҳуқуқии кафолату имтиёзҳои сармоягузорони дохиливу хориҷӣ ва ҷорӣ намудани механизми пешбурди сиёсати ягонаи сармоягузорӣ Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузориро ва тартиби тадбиқи онҳоро аз консепсияҳои намояндагони мактабҳои классикӣ, неоклассикӣ, кейнсионӣ ва институтсионалӣ истифода бурданд.

Аз радифи таҳлилҳои гузаронидашуда бармеояд, ки муносибатҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар доираи соҳаҳои маҳдуд дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шудааст, вале дар доираи соҳаҳои дигар муносибатҳо нисбатан камтар ба роҳ монда шудааст. Аммо бояд гуфт, ки дар ин соҳаҳо имконоти васеъ мавҷуданд. Ичунин, ҳукумати кишвар имрӯз дар партави сиёсати худ наметавонад шарту шароитҳои ҳамкориҳоро бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар асоси талаботҳои пешниҳодгардидаи худи Ҳукумат барпо кунад. Дар ин асно давлатҳои чун мисли Тоҷикистон ба шарту шароитҳои иншонамудаи пешдастон, ки аъзои худи созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ мебошанд, кифоягӣ мекунанд, баён шудааст.

Баҳодиҳии накши созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар гузаронидани ислоҳоти иқтисоди миллӣ дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки дар раванди ислоҳоти иқтисодии кишвар созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ накши муҳимро бозидааст. Дар ҷараёни таҳлилҳо муаяйн гардидааст, ки мувофиқи натиҷаҳои таҳлилҳои эмприкӣ дар натиҷаи маблағгузориҳои СИБ ба ислоҳоти иқтисодӣ ба ҳар як сомонии равона гардида ММД дар ҳаҷми 33,3 сомонӣ афзоиш ёфтааст, ҳамчунин ин нишондиҳанда дар маҷмӯи маҳсулоти саноатӣ ва кишоварзӣ вохурдан мумкин аст, ки мутаносибан ба 4,9 ва 8,8 сомонӣ баробар шудаанд.

Дар заминаи ҳамкориҳои анҷомёфта, татбиқи ислоҳоти сохторӣ дар соҳаҳои мухталифи давлатӣ ва соҳаҳо, аз ҷумла, идоракунӣ, молиявӣ, бонкӣ, соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, ҳамчунин дар соҳаҳои маориф, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ тавассути таҳия ва татбиқи як қатор барномаҳои дуҷонибаи рушди иҷтимоиву иқтисодӣ ва татбиқи самараноки чораҳо барои рушди пурраи иқтисодиёти кишвар заминаи мусоид гузоштанд омӯхта шуданд.

Сарфи назар аз он, ки дар доираи ҳамкориҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ ва ислоҳотҳои гузаронидашуда дар кишвар барои амалисозии сиёсати самараноки макроиқтисодӣ, инчунин тағйироти сохтории иқтисодиёт, заминаи иқтисоди бозаргонӣ ва муносибатҳои нави иқтисодӣ қадамҳои устувор гузошта мешаванд, вале ҳанӯз ҳам мушкилиҳои зиёд ҳалли худро пайдо накардаанд, ки асосан ақибмонии истеҳсолот дар соҳаи саноат, сатҳи пасти идоракунии корхонаҳо, нобаробарии шадид ва ғайра мебошанд. Ҳамаи ин мушкилиҳои ҷойдошта ислоҳоти навбатии соҳавиро талаб мекунад.

Аҳамияти натиҷаҳои ба дастовардаи довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он асос меёбад, ки:

самтҳои муосири беҳсозии муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, мукаммалгардонии механизмҳои инстутсионалии таъмини ҳамкориҳои созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ бо иқтисоди миллӣ, барои эҷоди фазои мусоиди сармоягузорӣ, баланд бардоштани ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ, барои баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат, ки ба афзоиши рушди иқтисодӣ ва сатҳи зиндагии аҳолии кишвар таъсири мусбӣ мерасонад, заминаҳои асосиро муҳайё месозад, асоснок карда шудааст. Муқаррарот ва хулосаҳои асосии он дар шакли тавсияҳои мушаххас таҳия гардидаанд, ки аз ҷониби Вазорати рушди иктисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягӯзорӣ ва идораи амволи давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишогоҳи миллии Тоҷикистон ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои қабули қарорҳо дар бахши такмили механизми рушди фаъолияти сармоягузорӣ, бо мақсади рушди соҳаиҳои иқтисоди миллӣ ва баланд бардоштани некуаҳволии аҳолӣ коркард ва ҷорӣ карда шуданд.

Муайян карда шуд, ки дар доираи фаъолияти созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ механизми идоракунии қарз ва воситаҳои молиявӣ дар асоси талаботҳои кишварҳои пешрафта муайян карда мешавад, талабот ва таклифоти кишварҳои рӯ ба тараққӣ ба инобат гирифта намешавад. Ин ба он оварда мерасонад, ки кишварҳои пешрафта қарзҳои нисбатан муфидро ба даст меоранд ва кишварҳои қафомонда маҷбуранд талаботҳои пеш гузоштаи кишварҳои пешрафтаро риоя кунанд.

Тадқиқи самтҳои имконпазири ҳамкориҳои судманди иқтисоди миллӣ бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ нишон медиҳад, ки бо мақсади баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳо иқтисоди миллӣ бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ муносибатҳоро бояд дар доираи иқтисодиёти сабз ба роҳ монд, зеро солҳои охир ҷомеаи ҷаҳонӣ аз рушди сусти иқтисодиёти сабз нигаронӣ дорад ва бешубҳа созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ низ стратегия ва барномаҳои худро дар доираи ин талаботҳо таҳия мекунад. Барои равшан намудани самтҳои имконпазири ҳамкориҳо дар доираи иқтисодиёти сабз соҳаҳои рушддиҳандаи иқтисоди миллӣ аз ҷиҳати экологӣ тоза ба гурӯҳҳои “соҳаи анъанавии экологӣ” ва “пионерони сабз” тақсимбандӣ карда шуданд ва ин барои мушаххас намудани самти ҳамкориҳо мусоидат мекунад, пешниҳод карда мешавад.

Бо мақсади сабукии қабули қарор оид ба сармоягузориҳои лоиҳаҳои пешниҳодгардида дар самти экологӣ, ки хеле мураккаб мебошад ва пешакӣ дарк кардани он хело душвор аст, модели амалиёт (транзаксия) дар бозорҳои молиявӣ вобаста ба муносибати созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ дар хусуси таҳлили лоиҳаҳои сармоягузории экологӣ пешниҳод карда шудааст. Дар асоси модели пешниҳодгардида мақсади қабули қарорҳои сармоягузориҳои фоидаовар муайян карда мешавад. Ин модел ҳам ба амалиётҳои алоҳидаи молиякунонӣ ва ҳам ба рушди хатҳои нави тиҷоратӣ мувофиқ аст.

Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот нишон доданд, ки тадқиқот дар кафедраи иқтисодиёти ҷаҳони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст, эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро саҳеҳии маълумотҳо, ҳаҷми кофии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳо ва мақолаҳо исбот менамоянд. Заминаи методологӣ ва назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ корҳои илмии фундаменталӣ ва амалии олимони хориҷӣ ва ватанӣ оид ба мукаммалгардонии масъалаҳои институтсионалии рушди ҳамкориҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, инчунин натиҷаҳои таҳқиқоти пажӯҳишгоҳҳои пешрафтаи соҳа ва рақобатпазирии онҳо мебошанд. Ҳангоми таҳияи диссертатсия санадҳои қонунгузорӣ ва меъёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводҳои Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи давлатии сармоягӯзорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мақолаҳои монографӣ ва илмӣ оид ба рушди муносибатҳо бо созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ, мукаммалгардонии механизмҳои ҳамкорӣ ва дарёфти роҳҳои беҳтаргардонии рушди муносибатҳо ва ғайра истифода шуданд.

Ғоя бо ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи чандинсолаи кишвар дар самти ҳамкориҳои бисёрҷониба бо Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ асоснок шудааст.

Роҳҳои мукаммалгардонии механизми ҳамкориҳо бо СИБ муайян карда шудааст.

Асарҳои Назаров Т.Н., Мансуров У. А., Идиев Ф.Ф., Акбаров Т Б., Саидмуродов Л.Ҳ., Мирбобоев Р.М., Солиев А., Бобоев М. Ғаниев Т. Б., Ҳамидов Д.Т., Хубоншоев Л. А., Шарипов А. Н., Амонова С. Б., Махмадов А. Н., Рустамова Н. Д., Завурбеков Ф. З., Собирова К. Д., Бобохонова С., Нурова Л. Н., Амонова С. Б. ва Ҳайдаров Р. Д. истифода шудаандҒоя бо ақидаҳои олимони классикӣ ва муосири соҳаи иқтисодиёт, омӯзиши асарҳои олимони ватаниву хориҷӣ, таҷрибаи

чандинсолаи кишвар дар самти ҳамкориҳои бисёрҷониба бо Созмонҳои иқтисодии байналмилалӣ асоснок шудааст.

Саҳмии шахсии довталаби дарёфти унвони илмӣ иборат аст, аз иштироки бевоситаи муаллиф дар ҷамъ овардан ва коркарди иттилоот, асосноккунӣ ва мубраммияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳои таҳқиқот иборат мебошанд. Ҳамаи давраҳои иҷрои нақшаи кории илмии пешбинишуда бо иштирок ва пешниҳоди бевоситаи муаллиф роҳандозӣ карда шудаанд;

Натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии муаллиф татбиқ карда шудааст: аз ҷониби Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон санади татбиқнамоӣ таҳти №02-14 аз 30 июни соли 2020.

Аз ҷониби унвонҷӯ беш аз 6 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп карда шудаанд;

Натиҷаҳои таҳқиқот тайи солҳои 2015-2021 дар конфронсҳои илмӣ, амалӣ ва назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ муаррифӣ гардидаанд.

Дар ҷаласа 30 январи соли 2021 Шӯрои диссертатсионӣ қарори сазовор донистани Дилшод Шарифӣ бо дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD аз рӯйи ихтисоси 6D 051300- Иқтисодиёти ҷаҳонӣ қабул намуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонии Шӯрои диссертатсионӣ 17 нафар иштирок доштанд, аз ҷумла 4 нафар доктори илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда. Аз 21 нафар ҳайати умумии шӯрои диссертатсионӣ, 17 овоз доданд: тарафдор - 17 , муқобил- нест, бетараф – нест, бюллетенҳои беэътибор нест.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Исайнов Ҳ.Р.**

**И.в. котиби илмии Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор** **Усманова Т.Ҷ.**

**30 январи соли 2021**